# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

1. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён дар раванди ҳамкории мутақобила ва ҳамоҳангсозии нерӯҳои тарбиявӣ-эстетикии коллеҷҳои техникӣ ва муассисаҳои фарҳанг коркард шуда, шароитҳои педагогии муваффақонаи пешрафти фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон асоснок гардидааст. Барномаи таҳиягардидаи ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди озмоиши педагогӣ санҷидашуда имкон медиҳад, ки коллеҷҳо ҳамгироиро бо муассисаҳо ва марказҳои фарҳанг таъмин намуда, фаъолияти тарбиявии муштаракро ба роҳ монанд, аз анъанаҳои бадеии маҳал самаранок истифода бурда, ба шуур, эътиқод ва эҳсосоти эстетикии муҳассилин таъсири мусбат расонанд.

Дар таҳқиқоти мазкур ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангӣ шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён тарҳрезӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар ҷараёни таҳқиқот муносибатҳои мавҷудаи илмҳои муосири педагогиро ба ташкили ҳамкории коллеҷ, муассисаҳои фарҳанг ва ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён пурра мегардонад. Яъне тасаввуротро дар бораи фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, хусусиятҳои махсуси он бой гардонида, донишҳоро оид ба талаботи педагогӣ, ки бевосита ба ҷараёни ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг таъсиррасонанд, васеъ мегардонад.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 10.04.2026, №4).

Дар хулосаи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мебошад.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он вобаста аст, ки масъалаи ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёнро дар шароити муосир таҳқиқ кардааст, ки яке аз қисматҳои тркибӣ ва бисёр арзишманду зарурии самти тарбиявӣ-эстетикӣ маҳсуб ёфта, таҳқиқи он натанҳо барои масъулини коллеҷҳо, балки барои кормандони муассисаҳои фарҳанг дар кори илмӣ- методиву амалии онҳо аҳаммияти бузург дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот талаботи илмӣ, хулосаву тавсияҳо бо омӯзиши ҳаматарафаи масъалаи гузошташуда; амалисозии пайгиронаи асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, ҷанбаҳои ибтидоии он, истифодаи методҳои ба ҳадаф, вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот мувофиқ; бо санҷидани натиҷаҳо, ҷорӣ намудани онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои таълимӣ; тасдиқи таҷрибавӣ-озмоишии дурустии хулосаҳои бароварда; пойгоҳи кофии сарчашмаҳо таъмин мегардад.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) аз ҷумла ба банди 1 – назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактадӣ ва банди 11 - коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илми асосноки тарбия ва таълими кӯдакони мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқат мекунад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 6 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии

Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашриёҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

Такя ба пойгоҳи кофии сарчашмаҳои илмӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои баровардашуда ҳамчун асоснок, боэътимод ва дорои арзиши назариявию амалӣ арзёбӣ шаванд.

Шумораи интишороти довталаб дар 8 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла се мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маорифи Федератсияи Россия эътирофшуда, 5 мақола дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯи чоп дидаанд.

Маводи нашршуда дар нашриёҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

4. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофикат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниходшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқикот бо асоснокии муқаррароти ибтидоии назариявӣ, таҳлил ва таркиби равишҳои фалсафӣ ва психологию педагогӣ дар асосноккунии ақидаҳои пешбаранда, истифодаи усули мувофиқ ба максад, вазифаҳо, маҷмуи усули сифатӣ ва микдории таҳлил, фарзия таъмин карда шудааст. Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қонунӣ будани нуктаҳои фарзияи таҳияшударо нишон медиҳанд.

6. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Усмонзода Зариф Ҷумъабойро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”** таъин карда шавад.

в) ба сифати муқарризони расмӣ: **Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Қодирзода Сабоҳат Абдуманон** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедараи педагогика ва психологияи томактабии факултети психология ва таҳсилоти томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” таъин карда шаванд.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) таҳлилу баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)каи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мутобиқат мекунанд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Қодирзода Сабоҳат Абдуманон** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедараи педагогика ва психологияи томактабии

факултети психология ва таҳсилоти томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Раҳимзода Х.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г.Ш.
номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П.М.

*Имзои Раҳимзода Х., Ҷонмаҳмадова Г.Ш., Лутфуллоева П.М.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

15.04.2026